# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
# ҚАРОР
# Правительство Республики Таджикистан
# ПОСТАНОВЛЕНИЕ

аз 29 июни соли 2024 № 379

**ш. Душанбе**

Дар бораи Стратегияи рушди Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» барои давраи то соли 2040

Мутобиқи моддаҳои 4 ва 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р  м е к у н а д:

1. Стратегияи рушди Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» барои давраи то соли 2040 ва Нақшаи амали Стратегияи рушди Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» барои давраи то соли 2040 дар марҳилаи якум (солҳои 2024-2026) тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» аз рафти амалисозии Стратегияи мазкур ва Нақшаи амали он ҳар сол то 20 март ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
# ҚАРОР
# Правительство Республики Таджикистан
# ПОСТАНОВЛЕНИЕ

от 29 июня 2024 года № 379

**г. Душанбе**

О Стратегии развития Государственного учреждения «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана» на период до 2040 года

В соответствии со статьями 4 и 12 Закона Республики Таджикистан «О стратегическом планировании и государственном прогнозировании» Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. Утвердить Стратегию развития Государственного учреждения «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана» на период до 2040 года и План действий Стратегии развития Государственного учреждения «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана» на период до 2040 года на первом этапе (2024-2026 годы) (приложения 1 и 2).

2. Государственному учреждению «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана» ежегодно до 20 марта представлять информацию о ходе реализации настоящей Стратегии и её Плана действий в Правительство Республики Таджикистан.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан Эмомали Рахмон

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» июни соли 2024, №379

Стратегияи рушди Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» барои давраи то соли 2040

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Стратегияи рушди Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» барои давраи то соли 2040 (минбаъд - Стратегия) бо мақсади таъмини рушди Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» (минбаъд - Донишгоҳ), табдил ёфтани он ба маркази илмию таълимии бонуфузи минтақавӣ ва байналмилалӣ ва баланд бардоштани сифати тайёр кардани мутахассисони дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ рақобатпазир таҳия карда шудааст.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ҶОРӢ

2. Донишгоҳ фаъолияти худро дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дорои мақоми байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондааст.

3. Донишгоҳ вобаста ба заминаи моддию техникии худ аз рӯйи равия, ихтисос ва самтҳои муайян дар зинаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, бакалавриат, мутахассис, таҳсилоти иловагӣ, махсус, магистратура, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ва аспирантура, доктор ҳабилитат ва докторантураи анъанавӣ мутахассисонро омода менамояд.

4. Дар айни ҳол дар Донишгоҳ аз рӯйи 80 барномаи таълимӣ дар зинаи бакалавриат, 15 барномаи таълимии зинаи магистратура ва 7 барномаи зинаи доктори PhD, доктор аз рӯйи ихтисос ва 7 барномаи аспирантура тайёр карда мешаванд. Теъдоди донишҷӯён дар зинаи бакалавриат ба ҳолати 1 апрели соли 2024 6578 нафар, дар зинаи магистратура - 77 нафар ва дар зинаи доктори PhD, доктор аз рӯйи ихтисос - 20 нафар мебошад. Инчунин, дар Донишгоҳ барномаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ амалӣ мешаванд. Дар коллеҷу литсейҳои назди Донишгоҳ 1733 нафар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

5. Донишгоҳ бо беш аз 160 муассисаи таълимӣ ва илмии хориҷи кишвар шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонидааст.

6. Донишгоҳ дар рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 мақоми панҷумро ишғол намудааст.

## 3. ҲАДАФ, ВАЗИФАҲО ВА САМТҲОИ СТРАТЕГИЯ

7. Ҳадафи асосии Стратегия ташаккули маркази бонуфузи таълимию таҳқиқотии омодасозии мутахассисони баландихтисоси ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ дар асоси рушди фаъолияти академӣ, илмию инноватсионӣ ва густариши робитаҳои байналмилалӣ мебошад.

8. Вазифаҳои асосии Стратегия:

- амалисозии принсипҳои идоракунии стратегӣ дар Донишгоҳ бо мақсади таъмини самаранокӣ ва шаффофияти низоми идоракунӣ;
- таҳия, амалисозӣ ва такмили доимии низоми менеҷмент ва арзёбии сифат;
- истифодаи самараноки захираҳо, беҳтар намудани таъминоти инфрасохтории Донишгоҳ, таъмини раванди таълимию методӣ ва иттилоотии фаъолияти Донишгоҳ;
- рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рақамикунонии фаъолияти Донишгоҳ;
- такмили раванди таълим тавассути амалисозии технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ, истифодаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ;
- самтгирӣ ба стандартҳои сифат дар фазои ҷаҳонии таҳсилоти олӣ, такмили барномаҳои таҳсилотии Донишгоҳ ва гузаронидани онҳо аз аккредитатсияи байналмилалӣ;
- ташкили таълими донишҷӯмеҳварӣ ва таъмини шароити мусоид барои азхудкунии барномаҳои таҳсилотӣ;
- таъмини ҳамгироии раванди таълим, илм ва истеҳсолот, тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, густариши ҳамкориҳо бо субъектҳои бозори меҳнат;
- мониторинги доимии бозори меҳнат ва таҳлили мунтазами дараҷаи қаноатмандии донишҷӯён, хатмкардагон ва корфармоҳо аз сифати хизматрасониҳои Донишгоҳ;
- тақвияти иқтидори кадрии Донишгоҳ, баланд бардоштани сатҳи салоҳиятнокӣ ва рақобатпазирии ҳайати профессорону омӯзгорон дар заминаи фароҳам овардани шароит барои рушди илм ва касбият;
- рушди фаъолияти илмию таҳқиқотӣ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмӣ ва таълимии ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар;
- густариши робитаҳои байналмилалӣ, ташаккули нуфузи Донишгоҳ дар минтақа ва ҷаҳон, рушди мубодилаи академӣ ва амалисозии барномаҳои муштарак ва бисёрзабона;
- амалисозии усулҳои нави ташкили корҳои тарбиявӣ ва раванди худидоракунии донишҷӯён, ҳифзи арзишҳои иҷтимоию фарҳангии миллӣ ва умумибашарӣ, ташаккули сифатҳои эҷодкорӣ, фаъолнокии иҷтимоӣ ва таҳаммулпазирӣ;
- таҳия ва амалисозии консепсияи робита бо ҷомеа ва иттилоотонии тарафҳои манфиатдор вобаста ба фаъолияти Донишгоҳ;

- таъмини муқовимати самаранок бо коррупсия ва зӯроварӣ дар ҳама шаклҳо ва зуҳуроти он дар Донишгоҳ;

- сари вақт муайян кардани хавфҳо ва имкониятҳо дар фаъолияти Донишгоҳ бо мақсади банақшагирии самаранок ва идоракунии тағйирот.

9. Самтҳои асосии Стратегия инҳо мебошанд:

- таъмини мутобиқати Донишгоҳ ба нишондиҳандаҳое, ки барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии инноватсионию таҳқиқотӣ муайян шудаанд;

- амалисозии принсипҳои идоракунии стратегӣ ва менеҷменти сифат дар фаъолияти Донишгоҳ;

- тақвияти мавқеи пешсафии Донишгоҳ дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва табдил додани он ба маркази бонуфузи таълимию таҳқиқотии минтақаи Осиёи Марказӣ;

- рақамикунонии самтҳои фаъолияти Донишгоҳ вобаста ба тамоюли рушди низоми таҳсилоти олии ҷаҳонӣ;

- таъмини рушди устувори Донишгоҳ дар асоси амалисозии технологияҳои инноватсионӣ дар самтҳои фаъолияти он;

- рушди ҳамкориҳои мутақобилаи судманд бо субъектҳои бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ дар асоси амалисозии низоми таҳсилоти дуалӣ;

- густариши робитаҳои байналмилалии Донишгоҳ ва ҷалби теъдоди зиёди шаҳрвандони хориҷӣ ба он ба зинаҳои гуногуни таҳсилот.

## 4. САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ СТРАТЕГИИ ДОНИШГОҲ

### §1. Такмили низоми идоракунии Донишгоҳ

10. Такмили низоми идоракунии Донишгоҳ барои тақвияти мавқеи он ҳамчун маркази пешқадами илмию таълимӣ дар минтақа ва ҷаҳон мусоидат мекунад.

11. Тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар ин самт:

- рақамикунонӣ ва автоматикунонии равандҳои идоракунии Донишгоҳ;

- амалисозии методологияи чандирии идоракунии лоиҳаҳо ва равандҳо;

- васеъ намудани иштироки тарафҳои манфиатдор дар идоракунии Донишгоҳ;

- баланд бардоштани сатҳи шаффофияти қарорҳои идоракунӣ ва ҳисоботи молиявӣ;

- афзоиши нақши сифати таҳсилот ва таҳқиқоти илмӣ дар арзёбии самаранокии идоракунӣ;

- ҳамгироии принсипҳои рушди устувор ва банақшагирии стратегӣ.

12. Мушкилоти асосии самт:

- ҳамгироии нокифоя дар байни воҳидҳои сохтории Донишгоҳ;



- мавҷуд набудани низоми ягонаи иттилоотӣ барои идоракунии ҳамаи ҷанбаҳои фаъолияти Донишгоҳ;

- мавҷуд будани мушкилот дар самти ҷалби кормандони баландихтисоси идоракунӣ ва маъмурӣ;

- мутобиқати нокифояи таҷрибаи идоракунӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ;

- вобастагӣ аз сарчашмаҳои анъанавии маблағгузорӣ, осебпазирӣ ба тағйироти вазъи иқтисодӣ.

13. Ҳадафи асосии самти мазкур ин баланд бардоштани самаранокии равандҳои идоракунӣ барои таъмини сифати баланди таълим ва таҳқиқоти илмӣ ва мутобиқ шудан ба талаботи тағйирёбандаи муҳити таҳсилотӣ, бозори меҳнат ва меъёрҳои ҷаҳонӣ мебошад.

14. Вазифаҳои асосии самт:

- ҳамгироии таҷрибаи пешқадами идоракунӣ ба низоми Донишгоҳ тавассути омӯзиш, машварат ва мубодила;

- муносибгардонии равандҳои идоракунӣ барои баланд бардоштани самаранокии қабули қарорҳо;

- амалисозии низоми менеҷменти сифат дар заминаи стандартҳои байналмилалӣ;

- ташаккули фарҳанги корпоративӣ дар асоси рушди навовариҳо, омодагӣ ба тағйирот ва воридшавӣ ба ҷомеаи таҳсилоти ҷаҳонӣ.

15. Тадбирҳои асосии самт:

- такмил додани сохтори идоракунии Донишгоҳ тавассути амалисозии сохтори чандирии идоракунӣ ва мутобиқшавӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ;

- ҷорӣ намудани низоми банақшагирии стратегӣ;

- таҳияи нақшаҳои стратегии рушди Донишгоҳ бо нишон додани мақсад ва нишондиҳандаҳои самаранокӣ;

- таҳия ва амалисозии низоми менеҷменти сифат, амалисозии чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сифати таълим ва таҳқиқоти илмӣ, аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронидани барномаҳои таҳсилотӣ дар ҳамаи зинаҳои таълимӣ;

- таҳия ва амалисозии низоми ҳамгироии иттилоотӣ барои идоракунии Донишгоҳ, раванди таълим ва таҳқиқоти илмӣ;

- амалисозии барномаҳои рушди касбӣ ва такмили ихтисоси кормандони маъмурӣ ва ҳайати илмию омӯзгорӣ;

- рушди ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, субъектҳои бахши хусусӣ ва созмонҳои байналмилалӣ;

- амалисозии механизми таъмини шаффофияти қарорҳои идоракунӣ ва баланд бардоштани масъулият дар назди давлат ва ҷомеа.

16. Натиҷаҳои чашмдошт дар ин самт:

- ба роҳ мондани принсипҳои идоракунии стратегӣ ва низоми менеҷменти сифат дар Донишгоҳ;

- баланд гардидани самаранокии равандҳои идоракунӣ тавассути содагардонии расмиёти маъмурӣ ва сарфаи вақт барои қабул ва амалисозии қарорҳои идоракунӣ;

- чандирӣ ва зуд мутобиқ шудан ба муҳити тағйирёбандаи таҳсилотӣ ва бозори меҳнат, ки имкони ба таври фаврӣ ворид намудани ислоҳотро ба барномаҳои таълимӣ ва лоиҳаҳои илмӣ таъмин месозад;

- беҳтар шудани сифати таҳсилот ва таҳқиқоти илмӣ бо роҳи амалисозии технология ва усулҳои муосири таҳсилот, ки салоҳияти хатмкунандагон ва иқтидори кадрии Донишгоҳро баланд мебардорад;

- баланд гардидани сатҳи қаноатмандӣ ва ҷалб гаштани ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор (омӯзгорон, донишҷӯён, хатмкардагон, корфармоҳо) ба раванди идоракунӣ ва рушди Донишгоҳ;

- баланд гардидани рақобатпазирии хатмкардагони Донишгоҳ дар бозори меҳнат дар натиҷаи амалӣ намудани ҳадафу вазифаҳои зикршудаи самт;

- боло рафтани нуфузи Донишгоҳ дар минтақа ва ҷаҳон дар натиҷаи густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва иштирок дар лоиҳаҳои байналмилалӣ;

- таъмин гардидани низоми шаффофи идоракунӣ бо роҳи амалисозии робитаҳои мутақобила бо ҷомеа, тақвияти эътимоди ҷомеа ба Донишгоҳ.

## §2. Рушди инфрасохтори Донишгоҳ

17. Амалисозии тадбирҳо ҷиҳати рушди инфасохтори Донишгоҳ барои таъмини сифати баланди таҳсилот ва фароҳам сохтани шароити мусоид барои омӯзгорону кормандон равона гардидааст.

18. Тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар ин самт:

- бунёди бинову иншоот бо дарназардошти энергияи каммасраф ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, рушди минтақаҳои сабз;

- рушди инфрасохтори рақамӣ ва таъмини дастрасӣ ба интернети босуръат;

- фароҳам овардани муҳити фарогир ва дастрас ба шахсони имконияташон маҳдуд;

- ҳамгироии технологияҳои «ҳушманд» барои идоракунии инфрасохтор ва захираҳо (рӯшноии «ҳушманд», низоми назорати дастрасӣ ва ғайра);

- беҳтарсозии нақшагирии масоҳат барои ҳавасмандгардонии ҳамкории академӣ ва фаъолнокии иҷтимоӣ.

19. Мушкилиҳои асосии самт:

- маблағгузории нокифоя барои хизматрасонии техникӣ ва навсозии инфрасохтори мавҷуда;

- масоҳати маҳдуд барои васеъ намудани инфрасохтори Донишгоҳ;



- набудани имконият барои фароҳам овардани муҳити фарогири таҳсилотӣ.

20. Ҳадафи асосии ин самт бунёди инфрасохтори муосир ва устувор мебошад, ки сифати баланди раванди таҳсилот, таҳқиқоти илмӣ ва ҳаёти донишҷӯйиро таъмин менамояд ва ба ин васила сатҳи рақобатпазирии Донишгоҳро баланд мебардорад.

21. Вазифаҳои асосии самт:

- бунёди биноҳои нави таълимию илмӣ, аз он ҷумла лаборатория ва марказҳои таҳқиқотӣ;

- васеъ намудан ва навсозии захираҳои китобхона, аз ҷумла рақамикунонии он ва дастрасӣ ба махзанҳои илмии байналмилалӣ;

- беҳтар намудани шароити манзилии кормандон ва донишҷӯён;

- рушди иншооти варзишӣ ва фарҳангӣ.

22. Тадбирҳои асосии самт:

- навсозӣ ва васеъ намудани масоҳати таълимӣ, лабораторияҳо ва марказҳои илмӣ бо истифодаи таҷҳизот ва технологияи муосир;

- рушди инфрасохтори рақамӣ, амалисозӣ ва навсозии технологияҳои иттилоотӣ ва таъминоти барномавӣ барои дастгирии идоракунии Донишгоҳ ва раванди таҳсилот;

- беҳтар намудани шароити манзилӣ барои кормандону омӯзгорон ва донишҷӯён бо роҳи бунёду сохтмони хонаҳои истиқоматӣ ва хобгоҳҳо, фароҳам овардани шароити мусоид;

- рушди инфрасохтори варзишӣ тариқи бунёд ва таҷдиди иншооти варзишӣ ва таъмини тарзи ҳаёти солими донишҷӯён ва кормандон;

- таъмини дастрасӣ ва бехатарӣ бо роҳи баланд бардоштани сатҳи амният дар ҳудуди Донишгоҳ ва фароҳам сохтани муҳити бемонеа барои шахсони дорои имконияти маҳдуд;

- амалисозии технологияҳои аз назари экологӣ тоза ва низомҳои каммасраф барои коҳиш додани таъсир ба муҳити атроф.

23. Натиҷаҳои чашмдошт дар ин самт:

- фароҳам овардани муҳити муосири таҳсилотӣ, аз ҷумла синфхонаҳои таълимӣ ва марказҳои илмии бо воситаҳои техникии навтарин таъминшуда;

- баланд гардидани самаранокии раванди таҳсилот дар Донишгоҳ дар натиҷаи истифодаи инфрасохтори муосири рақамӣ ва дастрасӣ ба захираҳои гуногуни электронӣ;

- беҳтар гардидани сатҳу сифати ҳаёти кормандону омӯзгорон ва донишҷӯён, баланд шудани дараҷаи қаноатмандии онҳо дар натиҷаи фароҳам овардани шароити муосиди манзилӣ ва инфрасохтори муосири варзишӣ;

- таъмин шудани муҳити таҳсилотии бехатар ва фарогир барои ҳамаи иштирокдорони раванди таҳсилот;

- коҳиш додани хароҷоти Донишгоҳ ва кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист дар натиҷаи ҷорӣ намудани технолгияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва каммасраф.

§3. Рақамикунонии фаъолияти Донишгоҳ

24. Амалисозии раванди рақамикунонии Донишгоҳ самти муҳимми Стратегия ва ҳисоб рафта, барои баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҳкими иқтидори илмӣ ва васеъ гардидани имкониятҳо барои донишҷӯён ва омӯзгорон мусоидат мекунад.

25. Тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар ин самт:

- амалисозӣ ва рушди низоми таҳсилоти фосилавӣ ва захираҳои таҳсилотии электронӣ;
- рушди инфрасохтор барои таъмини амнияти иттилоотӣ (кибербехатарӣ)-и маълумоти донишҷӯён ва кормандон;
- ҳамгироии зеҳни сунъӣ ба раванди таълим ва таҳқиқоти илмӣ;
- автоматикунонии равандҳои маъмурию идоракунӣ.

26. Мушкилиҳои асосии самт:

- хароҷоти баланд барои амалисозӣ ва дастгирии инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ;
- муқовимат ва омода набудани қисми ҳайати омӯзгорӣ барои гузаштан ба технологияҳои рақамӣ;
- мавҷуд будани хатари киберҳуҷумҳо ва паҳншавии иттилооти махфӣ;
- сатҳи нокифояи саводнокии рақамӣ дар байни кормандон ва донишҷӯён;
- мушкилоти ҳамгироии низомҳои гуногуни рақамӣ.

27. Ҳадафи асосии ин самт аз ҳамгироии технологияҳои рақамӣ ба ҳамаи ҷанбаҳои фаъолияти Донишгоҳ бо мақсади баланд бардоштани сифати идоракунӣ ва таҳсилот, беҳтар намудани дастрасӣ ва самаранокии раванди таълим ва таҳавуллоти илмӣ, ҳамчунин муносибсозии амалиёти дохилӣ иборат аст.

28. Вазифаҳои асосии самт:

- таҳия ва амалисозии низоми ҳамгирои иттилоотии идоракунии раванди таълим ва фаъолияти маъмурӣ;
- гузариш ба ҳуҷҷатгузории электронӣ барои содагардонии равандҳои маъмурӣ ва баланд бардоштани шаффофияти он;
- таҳия ва амалисозии платформаи таҳсилоти фосилавӣ, васеъ намудани курсҳо ва барномаҳои маҷозӣ (онлайнӣ);
- татбиқи технологияҳои муосир дар фаъолияти илмию таҳқиқотӣ.

29. Тадбирҳои асосии самт:

- автоматикунонии равандҳои маъмурӣ тавассути амалисозии низоми иттилоотии идоракунии маълумот оид ба донишҷӯён ва кормандон, менеҷменти молиявӣ, раванди коргузорӣ ва ғайра;



- таҳия ва ҷорӣ намудани таҳсилоти рақамӣ бо роҳи ташкили курсҳои фосилавӣ, лабораторияҳои маҷозӣ барои васеъ намудани имкониятҳои таҳсил ва таҳқиқот;
- таъсиси махзани ягонаи маълумоти маводди таълимию методӣ ва илмӣ барои донишҷӯён, омӯзгорон ва муҳаққиқон дастрас;
- рушди инфрасохтор барои дастрасии фосилавӣ тариқи таъмини донишҷӯён ва омӯзгорон бо дастрасии боэътимод ба маводди таълимӣ ва хазинаҳои Донишгоҳ аз нуқтаҳои гуногуни ҷаҳон;
- гузаронидани фонди китобхона ба шакли рақамӣ ва ташкили дастрасии маҷозӣ (онлайнӣ) ба он;
- баланд бардоштани саводнокӣ (маърифат)-и рақамии кормандон, омӯзгорон ва донишҷӯён тавассути гузаронидани таҷрибаомӯзӣ, такмили ихтисос, аз он ҷумла дар хориҷи кишвар, ташкили барномаҳои таълимӣ ва семинарҳо оид ба рушди малакаи кор бо технологияҳои рақамӣ;
- таҳия ва амалисозии чорабиниҳо оид ба таъмини бехатарии рақамӣ (кибербехатарӣ) ва захираҳои иттилотии Донишгоҳ аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ.

30. Натиҷаҳои чашмдошт дар ин самт:

- беҳтар гардидани сифат ва дастрасии таҳсилот дар натиҷаи ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, ки равиши чандирӣ ва инфиродиро ба раванди таълим таъмин менамоянд;
- таъмини равандҳои идоракунӣ тавассути автоматикунонии вазифаҳои маъмурӣ, ки суръати коркарди маълумотро афзоиш дода, сарбориро ба кормандон коҳиш медиҳанд ва эҳтимолияти иштибоҳҳоро кам мегардонанд;
- беҳтар гардидани дастрасӣ ба захираҳои таълимӣ, ки ташкили китобхонаи рақамӣ ва курсҳои фосилавиро раванди таҳсилоти шахсони имконияташон маҳдуд ва дар минтақаҳои дур қарордошта осон мегардонад;
- тавсеаи имкониятҳо барои таҳқиқоти илмӣ дар натиҷаи рақамикунонии равандҳо бо мақсади ҳамкории зич бо ҷомеаи илмӣ ва дастрасӣ ба захираҳои илмии байналмилалӣ;
- баланд бадоштани рақобатпазирии хатмкунандагони Донишгоҳ вобаста ба рушди малакаву рақамӣ ва салоҳияти онҳо мешавад;
- беҳтаргардонии дараҷаи бехатарии рақамӣ, ки дар натиҷа таҳдидҳои киберӣ коҳиш ёфта, дастрасии беиҷозат ба захираҳои иттилоотии Донишгоҳ пешгирӣ карда мешавад.

§4. Такмили сиёсати академию таҳсилотӣ

31. Такмили фаъолияти таълимию методӣ ба фароҳам овардани муҳити инноватсионии таълимӣ равона карда шудааст, ки қобилияти ба шароити зудтағйирёбанда мутобиқ шудан ва барои тайёр кардани мутахассисони баландихтисос замина гузоштанро дорад.

32. Тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар ин самт:
- гузариш ба таҳқиқоти байнифаннӣ ва барномаҳои таҳсилотӣ;
- тақвияти таваҷҷуҳ ба рушди тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои ҳалли вазифаҳои мушаххас;
- амалисозии таҷрибаи арзёбии сифати таҳсилот дар асоси дастовардҳои донишҷӯён;
- рушди барномаҳои табодул ва ҳамкориҳои байналмилалӣ;
- таваҷҷуҳ ба ахлоқ ва масъулияти иҷтимоӣ дар раванди таҳсилот.

33. Мушкилиҳои асосии самт:
- мутобиқ гардонидани нақшаҳои таълимӣ ба талаботи зудтағйирёбандаи бозори меҳнат;
- маблағгузории нокифоя барои навсозии барномаҳои таҳсилотӣ ва таъминоти методӣ;
- мушкилоти ҷалби омӯзгорони баландихтисос ва кормандони илмӣ;
- мавҷуд набудани механизми самараноки ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти илмию таҳқиқотӣ;
- суръати пасти гузаронидани барномаҳои таҳсилотӣ аз аккредитатсияи байналмилалӣ.

34. Ҳадафи асосии самти мазкур ин таъмини таҳсилоти баландсифат, муосир ва тақозодошта тавассути ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар корҳои таълимию методӣ, навсозии барномаҳои таълимӣ ва амалисозии технологияҳои пешқадами таҳсилотӣ мебошад.

35. Вазифаҳои асосии самт:
- таҳияи барномаҳои таҳсилотие, ки ба талаботи муосири ва меъёрҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯй мебошанд;
- амалисозии низоми чандирии таҳсилот ва имконияти инфиродӣ намудани нақшаи таълимӣ барои донишҷӯён;
- такмили ихтисоси ҳайати илмию омӯзгорӣ барои кор тибқи стандарт ва методикаҳои муосири академӣ;
- таҳия ва амалисозии барномаҳои байнифаннӣ, ки ба ҳамгироии дониш ва тайёр кардани мутахассисони насли нав мусоидат мекунанд.

36. Тадбирҳои асосии самт:
- навсозӣ, ба талаботи бозори меҳнат ва тамоюлҳои муосири таҳсилот мутобиқ намудани барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимӣ;
- таҳия ва амалисозии маводди нави таълимӣ, нашри китобҳо, дастурҳои таълимӣ ва захираҳои электронии муосир барои таъмини мубрамияти раванди таҳсилот;
- ҷорӣ намудани шаклҳои фаъол ва интерактивии таълим, ба монанди услулҳои кейсӣ (таҳлили ҳолатҳои мушаххас), таълими лоиҳавӣ, курсҳои фосилавӣ барои баланд бардоштани сатҳи ҷолибият ва ҳавасмандии донишҷӯён;



- истифодаи технологияҳои рақамии таълим ва замимаҳои таҳсилотӣ, такмили барномаи низоми идоракунии таълим;
- такмили ихтисоси ҳайати илмию омӯзгорӣ дар самти усулҳои нави таълим тавассути гузаронидани семинару тренингҳо ва курсҳои махсуси азхудкунии технологияҳои таълимии муосир;
- амалисозии мониторинг ва арзёбии мунтазами сифати раванди таълим, аз он ҷумла назарсанҷии донишҷӯён, аудити барномаҳои таҳсилотӣ ва методикаи таълим.

37. Натиҷаҳои чашмдошт дар ин самт:
- сифати таҳсилот дар натиҷаи гирифтани донишҳои замонавӣ баланд мегардад ва рақобатпазирии донишҷӯён дар бозори меҳнат таъмин карда мешавад;
- ҳавасмандии донишҷӯён дар натиҷаи истифодаи технологияҳои рақамӣ ва шаклҳои фаъоли таълим баланд мегардад;
- сатҳи салоҳият ва малакаҳои касбии ҳайати илмию омӯзгорӣ дар заминаи азхудкунии усулҳо ва технологияҳои нави таълим афзоиш меёбад;
- амалисозии технологияҳои нави таълим иртиботи байни омӯзгорон ва донишҷӯёнро таъмин намуда, самаранокии раванди таҳсилотро баланд мебардорад;
- арзёбии мунтазами сифати таҳсилот робитаҳои мутақобиларо таъмин намуда, ба мутобиқ гардонидани барнома ва методикаи таълим ба тақозои донишҷӯён ва бозори меҳнат мусоидат мекунад.

## §5. Тақвияти иқтидори кадрӣ

38. Ин самти стратегӣ ба Донишгоҳ имкон медиҳад, ки дар таъмини сифати таҳсилот ва таҳқиқоти илмӣ, ҳамчунин дар фароҳам овардани муҳити ҳавасмандӣ ва дастгирӣ барои ҳамаи кормандони илмӣ натиҷаҳои назаррас ба даст орад.

39. Тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар ин самт:
- таваҷҷуҳи бештар ба доштани таҷрибаи байнисоҳавӣ ва байналмилалӣ зимни ҷалби ҳайати илмию омӯзгорӣ;
- рушди барномаҳои таҳсилоти доимӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон ва кормандони маъмурӣ;
- ҳамгироии малакаҳои рақамӣ ва салоҳиятҳо барои талабот ба кадрҳои ҳамаи зинаҳо;
- баланд гардидани аҳамияти малакаҳои шахсӣ ва сифатҳои пешсафӣ дар байни ҳайати роҳбарӣ ва илмию омӯзгорӣ;
- ҷалби мутахассисон ва олимони ҷавон тавассути стипендия ва грантҳо, аз он ҷумла грантҳои таҳқиқотӣ.

40. Мушкилиҳои асосии самт:
- норасоии мутахассисони баландихтисос дар баъзе соҳаҳои илмию таълимӣ;

- мушкилот дар самти нигоҳдории кормандони боистеъдод дар шароити маблағгузории маҳдуд ва имконияти рушди касбӣ;

- зарурати мутобиқ намудни сиёсати кадрӣ ба талаботи тағйирёбандаи бозори меҳнат;

- мушкилоти ҳамгироии кормандон ва донишҷӯёни хориҷӣ ба ҷомеаи академӣ;

- набудани равиши системавӣ барои рушди сифатҳои пешсафӣ ва кори гурӯҳӣ.

41. Ҳадафи асосии самт ин ташаккули ҳайати кадрии баландихтисос, ҳавасманд ва самараноке мебошад, ки қобилияти таъмини сифати баланди раванди таълим ва таҳқиқоти илмиро дошта бошад ва саҳми худро дар рушд ва тақвияти мавқеи Донишгоҳ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ гузорад.

42. Вазифаҳои асосии самт:

- ҷалби мутахассисони варзидаи ватанӣ ва хориҷӣ барои таълим ва таҳқиқоти илмӣ;

- рушди барномаҳои такмили ихтисоси кормандон бо таваҷҷуҳ ба ҳамкориҳои байналмилалӣ;

- таҳияи низоми ҳавасмандгардонӣ ва рушди касбӣ барои омӯзгорон ва кормандони илмӣ;

- амалисозии барномаҳои мубодила бо донишгоҳҳои хориҷӣ барои донишҷӯён ва омӯзгорон.

43. Тадбирҳои асосии самт:

- таҳия ва амалисозии барномаи ҷалби олимону омӯзгорон ва кормандони илмии баландихтисос, аз он ҷумла аз хориҷи кишвар;

- амалисозии низоми самараноки ҳавасмандгардонӣ, аз он ҷумла ҳавасмандгардонии моддӣ ва рушди касбият, ҷорӣ намудани принсипи тафриқавии пардохти музди меҳнат;

- ташкил ва дастгирии барномаи доимии баланд бардоштани салоҳият ва малакаҳои касбии кормандон;

- гузаронидани семинару тренингҳо оид ба рушди малакаҳои идоракунӣ, пешсафӣ ва қобилияти кори самараноки гурӯҳӣ;

- фароҳам овардани шароит барои кори эҷодӣ ва пурмаҳсул, аз ҷумла рушди инфрасохтор ва фарҳанги дохилиташкилотӣ;

- дастгирии таҳқиқоти илмӣ ва коркардҳои кормандон, аз он ҷумла маблағгузории лоиҳаҳо ва иштирок дар барномаҳои илмии байналмилалӣ.

44. Натиҷаҳои чашмдошт дар ин самт:

- коллективи мутахассисони баландихтисосе ташаккул меёбад, ки қобилияти таъмини сатҳи баланди фаъолияти таълимию таҳқиқотиро доранд;

- шароити мусоиде фароҳам меояд, ки ҳар як корманд саҳми худро барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ҳис мекунад ва ба натиҷаи кори худ ҳавасманд аст;



- дар натиҷаи баланд гардидани сатҳи касбияти ҳайати илмию омӯзгорӣ сифати таҳсилот ва самаранокии таҳқиқоти илмӣ низ таъмин мегардад;

- гурӯҳи пурқувати кадрҳои роҳбарикунанда ташаккул меёбад, ки дорои салоҳияти идоракунӣ ва пешсафӣ мебошанд ва қобилияти рушд намудани Донишгоҳро доранд;

- Донишгоҳ ба василаи шароити хуби корӣ ва имконият барои рушди касбӣ ба ҷойи кори ҷолиб барои мутахассисони боистеъдод табдил меёбад;

- тавассути таҳкими иқтидори кадрӣ нуфуз ва рақобатпазирии Донишгоҳ дар арсаи байналмилалӣ баланд мегардад.

§6. Рушд ва дастгирии таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти инноватсионӣ

45. Рушд ва дастгирии таҳқиқоти илмӣ ба таҳкими заминаи илмии Донишгоҳ, ҳавасмандгардонии инноватсия, тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва омода намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ равона карда шудааст, ки дар умум ба баланд бардоштани нуфуз ва рақобатпазирии Донишгоҳ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ мусоидат мекунад.

46. Тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар ин самт:

- таҳкими равиши байнисоҳавӣ дар таҳқиқоти илмӣ;

- афзоиши аҳаммияти дастрасии кушод барои интишороти илмӣ ва маълумот;

- ҳамгироии корҳои илмӣ бо раванди таълим;

- амалисозии технологияҳои рақамӣ дар таҳқиқоти илмӣ;

- рушди шабакаҳо ва ҳамкориҳои илмии миллӣ ва байналмилалӣ.

47. Мушкилиҳои асосии самт:

- маблағгузории маҳдуди таҳқиқоти илмӣ ва лоиҳаҳо;

- рақобати баланд барои ба даст овардани грантҳо ва воситаҳои таҳқиқотӣ;

- инфрасохтори нокифоя барои гузаронидани таҳқиқоти пешқадам;

- мушкилот дар самти тиҷоратикунонии коркардҳои илмӣ;

- зарурати такмили ихтисоси муҳаққиқон дар соҳаи технологияҳои нав.

48. Ҳадафи асосии ин самт ҳавасмандгардонии фаъолияти илмию таҳқиқотӣ, тақвияти иқтидори илмии Донишгоҳ, ташаккул ва рушди мактабҳои илмӣ, ҳамгироии илм, таҳсилот ва истеҳсолот, тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии инноватсионӣ мебошад.

49. Вазифаҳои асосии самт:

- ташаккули лабораторияҳои илмии байналмилалӣ дар соҳаҳои афзалиятноки таҳқиқот;

- дастгирии олимони ҷавон, аз он ҷумла пешниҳоди грантҳо;

- ҳамгироии фаъолияти илмӣ бо раванди таълим, ҷалби донишҷӯён ба лоиҳаҳои таҳқиқотӣ;

- рушди ҳамкориҳо бо корхонаҳо ва пажуҳишгоҳҳои илмӣ барои тиҷоратикунонии коркардҳои илмӣ.

50. Тадбирҳои асосии самт:

- таҳкими заминаи моддию техникӣ (бунёд ва навсозии лабораторияҳо, марказҳо, харидории таҷҳизот ва таъминоти барномавӣ) барои гузаронидани таҳқиқоти илмӣ;

- дастгирии молиявии лоиҳаҳои илмӣ, аз он ҷумла ҷудо намудани грантҳо ба олимон ва муҳаққиқони ҷавон;

- тавсеаи робитаҳои илмии байналмилалӣ ва байнидонишгоҳӣ, ташкили лоиҳаҳои таҳқиқотии муштарак;

- ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои илмӣ, конфронсҳо ва семинару тренингҳо;

- ҳавасмандгардонии фаъолнокии интишоротӣ бо роҳи дастгирии нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии бонуфуз ва конфронсҳои байналмилалӣ;

- рушди низоми тайёр кардани кадрҳои илмӣ, аз он ҷумла дастгирии молиявӣ зимни омодасозӣ ва ҳимояи рисолаҳои илмӣ;

- тиҷоратикунонии таҳқиқоти илмӣ тавассути ташкил кардани стартапҳо ва низоми гирифтани патентҳо ва иҷозатномаҳо.

51. Натиҷаҳои чашмдошт дар ин самт:

- мавқеи Донишгоҳ аз ҳисоби баланд гардидани сатҳи таҳқиқоти илмӣ боз ҳам тақвият меёбад;

- фаъолнокии интишоротии Донишгоҳ баланд гардида, дар махзани илмии байналмилалӣ натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ҷойгир мешаванд;

- иқтидори илмӣ тақвият меёбад, мактабҳои илмӣ ташаккул ва рушд мекунанд, олимони шинохта ва ҷавони боистеъдод ба Донишгоҳ ҷалб карда мешаванд;

- ҳамкориҳои байналмилалӣ густариш меёбанд ва иштироки Донишгоҳ дар лоиҳа ва барномаҳои байналмилалӣ васеъ мегардад;

- фаъолнокии инноватсионӣ ва татбиқи натиҷаҳои он дар истеҳсолот баланд мегардад;

- кадрҳои илмии баландихтисосе тайёр карда мешаванд, ки метавонанд таҳқиқотҳои илмии назаррас анҷом диҳанд ва ба рушди илм саҳмгузор бошанд.

## §7. Густариши робитаҳои байналмилалӣ

52. Рушди муносибатҳои байналмилалӣ як самти калидии стратегӣ буда, ба Донишгоҳ имкон медиҳад, ки иштирокдори комилҳуқуқи раванди ҷаҳонии таҳсилот ва илм гардад, ба табодули дониш ва фарҳангҳо мусоидат намуда, сифати таҳсилот ва таҳқиқоти илмиро беҳтар созад.



53. Тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар ин самт:

- ҷаҳонишавии фазои таҳсилотӣ ва афзоиши табодули донишҷӯёну омӯзгорон;

- афзоиши теъдоди ҳамкориҳои таҳқиқотии байналмилалӣ;

- густариши барномаҳои таҳсилотии байнифарҳангӣ;

- афзоиши рақобат барои ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ.

54. Мушкилоти асосии самт:

- монеаҳои забонӣ ва мушкилоти мутобиқшавии донишҷӯёни хориҷӣ;

- талаботи афзоянда ба сифати таҳсилот аз ҷониби мақомоти аккредитатсионии байналмилалӣ;

- зарурати зиёд намудани воситаҳои молиявӣ ба барномаҳо ва ҳамкориҳои байналмилалӣ;

- хатари таъсири манфии ноустувориҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ба ҳамкориҳои байналмилалӣ.

55. Ҳадафи асосии ин самт аз тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ бо мақсади таъмини мубодилаи таҷрибаи пешқадам дар ҳамаи самтҳои фаъолият, тақвияти нуфузи байналмилалии Донишгоҳ, ҳамчунин баланд бардоштани ҷолибияти он барои донишҷӯён, омӯзгорон ва муҳаққиқони хориҷӣ иборат аст.

56. Вазифаҳои асосии самт:

- густариши шабакаи донишгоҳҳои ҳамкор барои мубодилаи донишҷӯён ва омӯзгорон;

- иштирок дар барномаҳои илмӣ ва таълимии байналмилалӣ;

- баланд бардоштани нуфузи байналмилалии Донишгоҳ тавассути иштироки фаъол дар рейтингҳои ҷаҳонӣ;

- ташкили ҳамоишҳои илмӣ дар заминаи Донишгоҳ.

57. Тадбирҳои асосии самт:

- густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ бо роҳи бастани шартномаҳои нав бо донишгоҳҳои бонуфуз, ташкилотҳои илмӣ ва таълимии кишварҳои хориҷӣ;

- фаъол гардонидани иштироки Донишгоҳ дар барномаҳои таълимию илмии байналмилалӣ, ҷалби грантҳо ва стипендияҳо, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо ва ғайра;

- таҳияи барномаҳои таҳсилотии махсус барои ҷалби шаҳрвандони хориҷӣ ба Донишгоҳ, ба роҳ мондани барномаҳои мутобиқшавӣ;

- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои илмию таълимӣ, конфронсҳо, семинарҳо ва мизҳои мудаввар дар сатҳи байналмилалӣ;

- ташкили такмили ихтисоси кормандону омӯзгорон дар хориҷи кишвар бо роҳи мубодила ва амалисозии лоиҳаҳои муштараки илмию таҳқиқотӣ;

- тақвияти нуфузи байналмилалии Донишгоҳ тавассути таблиғи дастовардҳои он дар арсаи байналмилалӣ;

- ташкили барномаҳои муштараки таҳсилотӣ бо донишгоҳҳои ҳамкор, ба роҳ мондани барномаҳои дудиплома.

58. Натиҷаҳои чашмдошт дар ин самт:

- теъдоди ҳамкорони байналмилалии Донишгоҳ афзоиш ёфта, имконият барои мубодилаи таҷриба ва амалисозии лоиҳаҳои муштарак васеъ мегардад;
- шумораи донишҷӯён ва омӯзгорони хориҷӣ зиёд мегардад, ки дар натиҷа дар Донишгоҳ муҳити бисёрфарҳангии таълимӣ бо ғоя ва равишҳои нав фароҳам оварда мешавад;
- нуфузу эътибори Донишгоҳ ҳамчун иштирокдори муҳимми ҷомеаи илмӣ ва таҳсилотии байналмилалӣ баланд мегардад;
- сифати таҳқиқоти илмӣ бо роҳи иштирок дар лоиҳа ва барномаҳои илмии байналмилалӣ баланд шуда, ҳамгироии Донишгоҳ ба фазои ҷаҳонии илмӣ таъмин мегардад;
- амалисозии муваффақонаи барномаҳои дудиплома ба донишҷӯён имконияти васеъ медиҳад ва рақобатпазирии онҳо дар бозори ҷаҳонии меҳнат таъмин карда мешавад;
- сифати барномаҳои таҳсилотӣ тавассути ҳамгироии он бо стандарту меъёрҳои ҷаҳонӣ баланд мегардад.

## §8. Тақвияти фаъолияти тарбиявӣ ва рушди иҷтимоӣ

59. Рушди фаъолияти тарбия ва иҷтимоии донишҷӯён ҷанбаи муҳимми раванди таҳсилот ба ҳисоб рафт, ба ташаккули шахсият, омодагӣ ба фаъолияти касбӣ таъсири назаррас мерасонад.

60. Тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар ин самт:

- афзоиши таваҷҷуҳ ба масъулияти иҷтимоӣ ва шаҳрвандии донишҷӯён;
- ҳамгироии фаъолияти тарбиявӣ ба ҳамаи ҷанбаҳои раванди таълим;
- рушди ризокории донишҷӯён ва лоиҳаҳои иҷтимоӣ;
- таваҷҷуҳ ба ташаккули муколамаи байнифарҳангӣ ва эҳтиром ба гуногунӣ;
- тақвияти нақши дастгирии равонии донишҷӯён.

61. Мушкилиҳои асосии самт:

- маблағгузории нокифоя ба барномаҳои тарбиявӣ ва иҷтимоӣ;
- мушкилот дар самти ҷалби донишҷӯён ба ҳаёти иҷтимоии фаъол;
- ба инобат нагирифтани аҳаммияти дастгирии равонӣ дар раванди таълим;
- зарурати мутобиқати фаъолияти тарбиявӣ ба тамоюли муосир ва талаботи ҷавонон;

62. Ҳадафи асосии ин самт ташаккули муҳити мусоиди иҷтимоӣ дар Донишгоҳ мебошад, ки ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти донишҷӯён, тарбияи онҳо дар асоси арзишҳои ватандӯстӣ ва меъёрҳои инсондӯстӣ, инчунин рушди фаъолияти иҷтимоӣ ва масъулиятнокӣ нигаронида шудааст.



63. Вазифаҳои асосии самт:

- рушди барномаҳои дастгирии иҷтимоӣ барои донишҷӯён ва кормандон;
- ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишӣ барои ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- амалисозии барномаҳо оид ба рушди сифатҳои пешсафӣ дар байни донишҷӯён;
- тақвияти фаъолияти иттиҳодияҳои донишҷӯён ва маҳфилҳои илмӣ.

64. Тадбирҳои асосии самт:

- дастгирӣ ва рушди сохторҳои худидоракунии донишҷӯён бо мақсади иштироки васеи онҳо дар ҳаёти Донишгоҳ;
- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишӣ бо мақсади рушди фарҳанги донишҷӯён ва ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- дастгирии ташаббусҳои иҷтимоии донишҷӯён, ҳавасмандгардонии лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва ҳаракати ризокорӣ, ки барои кумак ба ҷомеа ва беҳтар намудани муҳити иҷтимоӣ равона шудаанд;
- ташкили чорабиниҳо барои дастгирии касбии донишҷӯён ва омодагии онҳо барои кори оянда;
- тақвияти низоми дастгирии психологии донишҷӯён, гузаронидани семинару тренингҳо барои рушди шахсияти онҳо;
- амалисозии барномаҳо оид ба ташаккули ҳисси худшиносиву ватандӯстӣ, мубориза бо зуҳуроти номатлуб, баланд бардоштани масъулияти иҷтимоӣ ва таҳаммулпазирӣ.

65. Натиҷаҳои чашмдошт дар ин самт:

- таъмини иштироки фаъоли донишҷӯён дар ҳаёти Донишгоҳ ва ҷалби онҳо ба раванди қабули қарор ва идоракунии Донишгоҳ;
- рушди фаъолнокии иҷтимоии донишҷӯён ва иштироки теъдоди зиёди онҳо дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои ризокорӣ;
- дар натиҷаи амалӣ намудани низоми дастгирии равонӣ беҳтар гардидани муҳити психологӣ дар байни донишҷӯён;
- ташаккул ва рушди сифатҳои касбӣ ва шахсии донишҷӯён ва омодагии онҳо ба фаъолияти меҳнатӣ, пайдоиши сифатҳои пешсафӣ ва маҳорати кор дар шахсияти онҳо ва дар гурӯҳ;
- ҳисси масъулияти донишҷӯён бароиояндаи ҷомеа ва мамлакат, баланд гардидани эҳтиром ба арзишҳои иҷтимоию фарҳангӣ.

## §9. Тақвияти ҳамкориҳо бо субъектҳои бозори меҳнат

66. Стратегия барои таҳкими ҳамкориҳо бо субъектҳои бозори меҳнат ва муносибатҳои мутақобилан судманд байни Донишгоҳ ва корфармоён нигаронида шудааст, ки ба беҳтар шудани сифати

хизматрасониҳои таълимӣ ва шароити шуғли хатмкунандагон мусоидат мекунад.

67. Тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар ин самт:

- тақвияти ҳамкориҳо бо истеҳсолот ва татбиқи низоми дуалии таҳсилот;
- рушди марказҳои рушди касбият;
- ташкили барномаҳои инкубатсионӣ ва акселераторӣ, дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва стартапҳо;
- амалисозии барномаҳои таҳсилотии модулӣ ва чандирӣ;
- афзоиши аҳамияти таҷрибаомӯзиҳо дар истеҳсолот;
- мубодилаи иттилоот барои таҳлили бокортаъминшавии донишҷӯён.

68. Мушкилоти асосии самт:

- мутобиқ набудани мазмуну мундариҷаи барномаҳои таҳсилотӣ ба талаботи бозори меҳнат;
- захираҳои маҳдуд барои дастгирии таҷрибаомӯзиҳо;
- мушкилот дар самти тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ;
- рақобат бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- мушкилот дар мушоҳидаҳои муваффақияти касбии хатмкардагон.

69. Ҳадафи асосии ин самт мутобиқ гардонидани барномаҳои таҳсилотии Донишгоҳ ба талаботи бозори меҳнат барои таъмини сатҳи баланди бокортаъминшавии хатмкунандагон ва таҳкими ҳамкориҳо бо корхонаву ташкилотҳо мебошад.

70. Вазифаҳои асосии самт:

- фаъол гардонидани ҳамкорӣ бо ташкилотҳо барои таъмини тайёрии амалии донишҷӯён;
- рушди марказҳои рушди касбият барои кумак ҷиҳати бо кор таъминшавии хамткунандагон;
- ташкили мунтазами ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ ва вохӯрӣ бо корфармоён;
- ташкили барномаҳои мутобиқгардонидашудаи таҳсилотӣ дар ҳамкорӣ бо субъектҳои бозори меҳнат.

71. Тадбирҳои асосии самт:

- амалисозии низоми таҳсилоти дуалӣ;
- таҳия ва амалисозии курсу модулҳое, ки ба талаботи бевоситаи корфармоён ҷавобгӯ мебошад;
- тақвияти самтгирии амалии таҳсилот бо роҳи афзун намудани таҷрибаомӯзӣ дар нақшаҳои таълимӣ;
- ташкили лоиҳаҳои муштараки илмию таҳқиқотӣ бо ташкилотҳо барои ҳалли вазифаҳои воқеии истеҳсолӣ;
- такмили ихтисоси ҳайати илмию омӯзгории Донишгоҳ бо дар назардошти талаботи бозори меҳнати муосир;



- рушди низоми машварати касбӣ ва банақшагирӣ барои донишҷӯён ва хатмкунандагон дар ҳамкорӣ бо кордиҳандагон.

72. Натиҷаҳои чашмдошт дар ин самт:

- дарсади бо ҷойи кор таъмин гардидани хатмкунандагон ба василаи пайванд намудани барномаҳои таҳсилотӣ бо талаботи бозори меҳнат баланд мегардад;
- сифати таҳсилот дар натиҷаи ҳамгироии таҷриба ва донишҳои амалӣ баланд мегардад;
- фаъолнокии инноватсионии Донишгоҳ тавассути амалисозии лоиҳаҳои муштарак афзун меёбад;
- ҳамкориҳои Донишгоҳ бо ҷомеа таҳким меёбад, ки ба рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар мусоидат мекунад.

§10. Татбиқи принсипҳои рушди устувор дар фаъолияти Донишгоҳ

73. Ҷорӣ намудани принсипҳои рушди устувор ва «иқтисоди сабз» ба Донишгоҳ имкон медиҳад, ки намунаи ташкилоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ масъулиятнок ва экологӣ гардад, ки тавассути таълим, илм ва фаъолияти амалӣ ба ташаккули рушди устувор мусоидат мекунад.

74. Тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар ин самт:

- рушди огоҳӣ ва фаъолнокӣ дар соҳаи экология ва рушди устувор;
- ҳамгироии стандартҳои экологӣ дар идоракунии Донишгоҳ ва инфрасохтори он;
- рушди кампусҳои сабз ва таҷрибаҳои устувор дар фаъолияти хоҷагидорӣ;
- баланд гардидани талабот ба таълим ва тарбияи экологӣ;
- иштирок дар ташаббус ва шабакаҳои экологии байналмилалӣ.

75. Мушкилиҳои асосии самт:

- хароҷот барои амалисозии технологияҳои устувори экологӣ;
- муқовимат ба тағйирот дар усулҳои анъанавии идоракунӣ ва хоҷагидорӣ;
- салоҳияти нокифоя дар соҳаи рушди устувор дар байни кормандон ва донишҷӯён;
- мушкилот дар ҳамгироии рушди устувор ба барномаҳои таҳсилотӣ аз сабаби консерватизми нисбии доираи академӣ;
- зарурати таъмини мувозинати байни устувории экологӣ ва самаранокии молиявӣ.

76. Ҳадафи асосии ин самт ҳамгироии принсипҳои рушди устувор ва «иқтисоди сабз» ба равандҳои таълим, таҳқиқоти илмӣ, маъмурӣ ва хоҷагидории Донишгоҳ барои мусоидат намудан ба рушди устувор, самаранокии иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ ва мувозинати экологӣ мебошад.

77. Вазифаҳои асосии самт:

- таҳия ва амалисозии барномаҳои таҳсилотии экологӣ;

- коҳиши таъсири манфии фаъолияти Донишгоҳ ба экология тавассути истифодаи технологияҳои сабз;
- ҷалби донишҷӯён ва кормандон ба ризокории экологӣ;
- ҳамкорӣ бо ташкилот ва ташаббусҳое, ки ба рушди устувор ва ҳифзи муҳити зист нигаронида шудаанд.

78. Тадбирҳои асосии самт:
- таҳия ва амалисозии курсҳои махсус ва модулҳои рушди устувор ва «иқтисоди сабз» ба нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ;
- гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи рушди устувор ва "иқтисоди сабз", ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии лоиҳаҳои илмие, ки ба ҳалли масъалаҳои экологӣ ва рушди технологияҳои сабз равона шудаанд;
- амалисозии тадбирҳо оид ба истифодаи технологияи каммасраф, гузариш ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва коҳиши партовҳо дар ҳудуди Донишгоҳ;
- рушди инфрасохтори сабз, кабудизоркунии ҳудуди Донишгоҳ ва атрофи он, фароҳам сохтани ҷойҳои махсуси тоза барои истироҳати донишҷӯён ва кормандон;
- баланд бардоштани маърифати экологии донишҷӯён ва кормандон бо роҳи ташкили барномаҳои таълимӣ ва ризокорӣ;
- иштирок дар ташаббусҳо ва ҳамкориҳои экологӣ дар соҳаи рушди устувор ва «иқтисоди сабз», аз ҷумла дар рейтингҳои ҷаҳонии донишгоҳҳои сабз.

79. Натиҷаҳои чашмдошт дар ин самт:
- баланд гардидани устувории экологии Донишгоҳ ва коҳиши таъсири манфӣ ба муҳити атроф дар натиҷаи истифодаи оқилонаи захираҳо ва татбиқи технологияҳои тозаи экологӣ;
- ташаккули маърифати экологӣ ва баланд гардидани масъулият дар байни донишҷӯёну кормандон;
болоравии сифати таҳсилот дар натиҷаи ҷорӣ намудани принсипҳои рушди устувор, тайёр кардани мутахассисоне, ки дар шароити амалисозии «технологияҳои сабз» кор карда метавонанд;
- зиёд гардидани теъдоди корҳои илмӣ ва лоиҳаҳое, ки ба ҳалли масъалаҳои минтақавӣ ва глобалии экологӣ нигаронида шудаанд;
- баланд гардидани нуфузи Донишгоҳ ҳамчун маркази илмию таълимии масъалаҳои рушди устувор ва «иқтисоди сабз» ва болоравии мавқеи он дар рейтингҳои ҷаҳонии «донишгоҳҳои сабз» сол то сол;
- муҳити мусоид ва солим барои ҳаёт ва таҳсилоти донишҷӯён аз ҳисоби рушди инфрасохтори сабз ва коҳиши партовҳо ташаккул меёбад.

## 5. МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯ

80. Стратегияи рушди Донишгоҳ дар 7 марҳила бо таҳияи нақшаҳои амали он, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, амалӣ карда мешавад.



81. Стратегия барои амалӣ намудани ҳадафу вазифаҳои дар бахшҳои он муайянгардида ба ҳафт марҳила тақсим мегардад:
- марҳилаи якум (солҳои 2024-2026);
- марҳилаи дуюм (солҳои 2027-2029);
- марҳилаи сеюм (солҳои 2030-2032);
- марҳилаи чорум (солҳои 2033-2035);
- марҳилаи панҷум (солҳои 2036-2038);
- марҳилаи шашум (соли 2039);
- марҳилаи ҳафтум (соли 2040).

82. Амалисозии Стратегия аз ҷониби Донишгоҳ бо ҷалби шарикони рушд ба роҳ монда шуда, механизми амалишавии он аз маҷмуи чорабиниҳои мушаххас иборат мебошад.

83. Ҳадафу вазифаҳо ва чорабиниҳои марҳилавӣ бо дар назар доштани тағйирёбии вазъи муосир, тамоюлоти рушди таҳсилоти ҷаҳонӣ ва афзалиятҳои стратегӣ такмил ва тақвият дода мешаванд.

## 6. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

84. Ҳадафи асосии мониторинг ва арзёбӣ таъмин намудани нишондиҳандаҳои самаранок ва ноил гардидан ба ҳадафу вазифаҳои Стратегия мебошад.

85. Мониторинг ва арзёбӣ дар асоси санҷиши мунтазами раванди амалишавии чорабиниҳо барои ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои Стратегия, муқоисаи натиҷаҳои фосилавӣ оид ба иҷрои чорабиниҳои банақшагирифташуда, ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои мақсадноки дурнамо, ки дар Стратегия пешбинӣ гардидаанд, гузаронида мешаванд.

86. Раванди мониторинг ва арзёбӣ аз ҷониби Донишгоҳ дар ҳамкорӣ бо дигар воҳидҳои сохторӣ амалӣ карда мешавад.

87. Низоми мониторинг ва арзёбии Стратегия ҳамчунин низоми ҳисоботии дахлдорро аз рӯйи натиҷаҳои амалишавии Стратегия ва марҳилаҳои он дар бар мегирад.

88. Донишгоҳ аз натиҷаи мониторинг ва арзёбӣ ҳар сол ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш пешниҳод менамояд.

## 7. МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯ

89. Амалисозии Стратегия дар доираи маблағҳои буҷети давлатӣ, маблағҳои махсуси Донишгоҳ, созмонҳои байналмилалӣ, шарикони рушд, саҳми бахши хусусӣ ва аз манбаъҳои дигари маблағгузорӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, таъмин карда мешавад.

90. Дар маблағгузории Стратегия ҷалби грантҳои созмонҳои байналмилалӣ нақши калонро мебозад. Бинобар ин дар раванди амалисозии Стратегия бо институтҳои молиявӣ ва шарикони рушд

ҳамкории зичи самаранок роҳандозӣ карда мешавад. Ҳамчунин дар раванди амалисозии Стратегия дастгирии давлатӣ пешниҳод мегардад.

91. Ҳаҷми умумии маблағи зарурӣ барои амалисозии Стратегия дар тамоми марҳила 850,5 млн сомониро ташкил медиҳад, ки 58,5 млн сомонӣ аз ҷониби буҷети давлатӣ, 166,0 млн сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси Донишгоҳ ва 626,0 млн сомонӣ аз ҷониби шарикони рушд мебошад.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

92. Ҳамоҳангсози асосии амалигардонии Стратегия Донишгоҳ мебошад.

93. Дар доираи амалисозии Стратегия Донишгоҳ бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд ҳамкориро ба роҳ мемонад.